# ШАРҲИ МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

**Азнавбақайдгирӣ** – такроран номнавис кардани довталаб дар нуқтаи бақайдгирии қаблан ӯро бақайдгирифта бо мақсади ворид намудани тағйирот ба интихобҳои аввал ва (ё) маълумоти шахсияш, ки бо ихтиёри довталаб анҷом дода мешавад. Азнавбақайдгирӣ дар сурати баргузории озмуни тақсимоти такрорӣ низ ба роҳ монда мешавад.

**Бақайдгирӣ** – қайди расмии довталаб дар нуқтаи бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД.

**Бақайдгирии иловагӣ** – номнависии шахсоне, ки дар давраи бақайдгирии асосӣ бо сабабҳои гуногун барои иштирок дар ИМД аз қайд гузашта натавонистанд, аз ҷумла, онҳое, ки берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд ё дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекарданд.

**Бал** – нишондиҳандаи натиҷаи ИМД, ки барои ҳар субтест дар натиҷаи шкалабандии холҳо муайян карда мешавад.

**Бали гузариш дар комбинатсияи ихтисос** – ҷамъи балҳои аз ҳамаи қисмҳои дахлдор ва аз ҳисоби балҳои имтиёз ё коэффитсиент (дар сурати доштани чунин имтиёз) бадастовардаи довталабе, ки дар озмуни тақсимот дар доираи ҷойҳои ҷудошуда тибқи нақшаи қабули донишҷӯён аз рӯйи комбинатсияи ихтисоси муайян аз ҳама охир тақсимот мешавад. Бали гузариш пешакӣ муайян карда намешавад ва қимати он барои ҳар комбинатсияи ихтисос танҳо пас аз озмуни тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимӣ маълум мегардад.

**Барномаи имтиҳон** – ҳуҷҷате, ки дар он мақсад, мазмуни фанни таълимӣ ва тавсифи имтиҳон, талабот нисбат ба дониш ва малакаю маҳорати довталаб, шарҳи саволу масъалаҳои тест (навъу миқдори саволу масъалаҳо, меъёри холгузорӣ, вақти иҷрои тест), шарҳи коркарди варақаҳои ҷавобҳо, намунаи варақаи ҷавобҳои тест ва дигар маълумоти ёрирасон ифода ёфтааст. Барномаи имтиҳони ҳар фанни таълимӣ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва барномаҳои таълим таҳия гардида, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон онро тасдиқ кардааст.

**Бартарии интихоб** – тартиб ё афзалияти интихоби ихтисосҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, шакл ва намуди таҳсил мувофиқи хоҳиши довталаб ҳангоми бақайдгирӣ.

**Варақаи бақайдгирӣ** – ҳуҷҷати расмӣ, ки довталаб ва Марказ бо ҳам ба имзо мерасонанд ва ба довталаб ҳуқуқи иштирокро дар ИМД медиҳад.

**Варақаи кори хаттӣ (эссе) –** варақаи тозанависи кори хаттӣ, ки довталаб пас аз эссеро дар сиёҳнавис навиштан онро ба ин варақа рӯйбардор мекунад.

**Варақаи ҷавобҳо** – варақаи махсус, ки довталаб дар он ҷавоби саволу масъалаҳои тестро ишора мекунад ё менависад. Варақаи ҷавобҳо баъд аз имтиҳон ҳуҷҷати асосии тасдиққунандаи натиҷаи имтиҳонҳои довталаб ба ҳисоб меравад.

**Гурӯҳи ихтисосҳо** – ихтисосҳои аз рӯйи фанҳои имтиҳон ба ҳам наздик ё монанд дар як гурӯҳ муттаҳидшуда.

**Гурӯҳи мақсаднок** – шумораи муайяни донишҷӯён, ки дар назди ин ё он беморхона аз рӯйи як ихтисос таҳсил менамоянд. Гурӯҳи мақсаднок бо дархости

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ё он шаҳр/ноҳия таъсис ёфта, ба ин гурӯҳҳо танҳо сокинони шаҳр/ноҳияи дахлдор дохил шуда метавонанд.

**Довталаб** – шахсе, ки хоҳиш ва ҳуқуқи дохилшавӣ ба муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ё олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад ва бо тартиби муқарраргардида барои супоридани ИМД ба қайд гирифта шудааст.

**ИМД** – имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ; низоми ташкилу баргузории имтиҳонҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тақсимот ба ин муассисаҳо.

**Имтиҳони иловагӣ** – имтиҳон барои довталабоне, ки дар даври дуюми азнавбақайдгирӣ ё бақайдгирии иловагӣ аз қайд гузаштаанд ва барои довталабоне, ки дар имтиҳонҳои даври асосӣ бо сабабҳои гуногун иштирок карда натавонистаанд.

**Интихоб** – ихтисос(ҳо), гурӯҳи ихтисосҳо, муассиса(ҳо)и таълимии таҳсилоти миёна ва ё олии касбӣ, шакл(ҳо) ва намуд(ҳо)и таҳсил, забон ва макони имтиҳонсупорӣ ва ғайраро бо хоҳиши худ ихтиёр кардани довталаб ҳангоми бақайдгирӣ бо мақсади иштирок дар ИМД.

**Кабинети инфиродӣ** – фазои шахсии барои довталаб дар заминаи сомонаи Марказ ҷудошуда, ки ба он марҳала ба марҳала ҳамаи маълумоти барояш зарурӣ гузошта шуда, замони муайяне дар он нигоҳ дошта мешавад.

**Комбинатсияи ихтисос** – ихтисоси интихобшуда дар назардошти яке аз: 1) муассисаҳои таълимие, ки ихтисоси мазкур дар он таълим дода мешавад, 2) шаклҳои таҳсил (рӯзона, ғоибона, шабона, фосилавӣ) ва 3) намудҳои таҳсил (ройгон ё пулакӣ), ки тибқи нақшаи қабули донишҷӯён пешбинӣ гардидааст.

**Қисми А (имтиҳони умумӣ)** – имтиҳон, ки се субтест (забони тоҷикӣ, математика, таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ)-ро дар бар гирифта, супориданаш барои ҳамаи довталабон ҳатмӣ аст.

**Қисми Б (имтиҳони ихтисос)** – имтиҳон, ки дар доираи гурӯҳи ихтисосҳо се субтестро дар бар мегирад: 1) математика, физика ва химия; 2) математика, география ва забони хориҷӣ; 3) забон ва адабиёти тоҷик/рус/ӯзбек, таърих ва забони хориҷӣ; 4) таърих, ҳуқуқи инсон ва забони хориҷӣ; 5) химия, биология ва физика.

**Қисми В (имтиҳони эҷодӣ ва маҳорати махсус)** – имтиҳон барои санҷидани қобилияти эҷодӣ ва ё малакаю маҳорати махсуси довталаб аз ихтисосҳои самтҳои санъат ва фарҳанг, варзиш, дизайн, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ ва динӣ.

**Қисми Г (имтиҳони иловагии тахассусӣ)** – имтиҳоне, ки онро довталабони аз филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ихтисосҳоро интихобкарда дар баробари имтиҳонҳои дигар (қисмҳои А ва Б) месупоранд.

**Қисми имтиҳон** – бахши таркибии ИМД, ки маҷмӯи муттаҳидгардидаи фанҳои имтиҳон ё санҷишҳоро аз рӯйи хусусиятҳояшон (А – умумӣ, Б – ихтисос, В – эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус, Г – иловагии тахассусӣ) дар бар мегирад.

**Марказ** – Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Маркази имтиҳонӣ** – макони баргузории имтиҳонҳо дар биноҳои муассисаҳои таълимии дар шаҳру ноҳияҳо интихобгардида.

**Маъмури имтиҳон** – шахси вазифадор барои ташкил ва баргузории имтиҳон дар синфхонае, ки ба ӯ вобаста шудааст, аз ҷумла дастурдиҳии довталабон оид ба талаботи имтиҳонсупорӣ, тарзи иҷрои тест ва ғайра.

**Намуди таҳсил** – ба роҳ мондани раванди таълим вобаста аз маблағгузорӣ дар муассисаи таълимӣ, ки ду навъ дорад:

- **ройгон** (дар ин намуд барои тайёр кардани мутахассис маблағ аз буҷаи давлат харҷ мегардад ва аз ин сабаб онро намуди буҷавӣ ҳам мегӯянд);
- **пулакӣ** (дар ин намуд барои тайёр кардани мутахассис маблағ бо бастани шартномаи дутарафа (байни шахсони воқеӣ ва муассисаи таълимӣ) аз ҳисоби сарпарастон – падару модар ё дигарон ё шартномаи сетарафа (байни шахсони ҳуқуқӣ, донишҷӯй ва муассисаи таълимӣ) аз ҳисоби ташкилоту корхонаҳо пардохт мегардад ва аз ин рӯ, онро намуди шартномавӣ низ мегӯянд).

**Нуқтаи бақайдгирӣ** – макони номнависии довталабон барои иштирок лар ИМД дар биноҳои муассисаҳои таълимии дар шаҳру ноҳияҳо интихобгардида.

**Озмуни тақсимот** – тақсимоти довталабони холҳои гузариши фанниро аз ҳамаи субтестҳои дахлдор, имтиҳонҳои эҷодӣ ва ё маҳорати махсус ва имтиҳони иловагии тахассусӣ (агар чунин имтиҳонро супорида бошанд) соҳибшуда ба муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои интихобкарда, тартиби бартарии интихобҳояшон ва ҷойҳои тибқи нақшаи қабули донишҷӯён ҷудогардида. Ин равандро барномаи махсуси компютерӣ аз рӯи алгоритми муайян ба роҳ мемонад.

**Озмуни тақсимоти такрорӣ** – тақсимоти довталабони дар озмуни тақсимоти асосӣ комёбнашуда ба муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои дар натиҷаи озмуни ин тақсимот тибқи нақшаи қабули донишҷӯён дар онҳо ҷойҳои холӣ боқимонда ва тартиби бартарии интихобҳои довталаб. Барои иштирок дар озмуни мазкур ин гуна довталабон аз нав сабти ном карда, интихобҳои худро дар доираи ихтисосҳое, ки ҷойҳои холӣ доранд, муайян месозанд.

**Пешномнависӣ –** худро қаблан номнавис кардани довталаб дар ҳолати бархат (ба воситаи шабакаи Интернет) барои иштирок дар ИМД (то бақайдгирии расмӣ).

**Роҳбари маркази имтиҳонӣ** – шахси масъул барои ташкилу баргузории имтиҳон дар маркази имтиҳонии ба ӯ вобаста.

**Роҳ ёфтан ба озмуни тақсимот (соҳиб шудан ба холҳои гузариш)** – ҳуқуқи довталаб барои иштирок дар озмуни тақсимот пас аз ба даст овардани холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳои дахлдор ва имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус ё имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ (ва ё ҳар ду, агар ин имтиҳонҳоро супорида бошад). Роҳ ёфтан ба озмуни тақсимот ҳанӯз маънои донишҷӯй шудани довталабро надорад. Танҳо натиҷаи озмуни тақсимот муайян мекунад, ки довталаб аз рӯйи яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш донишҷӯй мешавад ё не.

**Субтест** – қисми таркибии имтиҳон барои муайян кардани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз як ё ду фанни таълимӣ.

**Тест** – абзори бамеъёрдаровардашудаи арзёбии воқеии дастовардҳо (дониш ва малакаю маҳорат)-и довталаб, ки маҷмӯи саволу масъалаҳоро дар бар мегирад.

**Хол** – нишондиҳандаи аввалияи натиҷаи ИМД, ки қимати он барои ҳар субтест бо ҷамъ кардани холҳо барои ҳар ҷавоби дурусти довталаб ба саволу масъалаҳои ин субтест ҳисоб карда мешавад. Вобаста аз миқдор ва навъи саволу масъалаҳо дар субтестҳо холи ҳадди аксар (максималӣ)-и ҳар субтест гуногун аст.

**Холи гузариши фаннӣ** – шумораи ҳадди ақал (минималӣ)-и ҳар сол муайяншавандаи холҳо, ки барои роҳ ёфтан ба озмуни тақсимот довталабро зарур аст, вобаста аз гурӯҳҳои ихтисосҳо аз ҳар субтест онҳоро ба даст оварад.

**Холи имконпазири ҳадди аксар (максималӣ)** – шумораи баландтарини холҳо, ки онро баъди пурра ва дуруст иҷро кардани саволу масъалаҳо аз ин ё он субтест ба даст овардан мумкин аст.

**Шкалабандӣ (миқёсгузорӣ)** – раванди баргардонидани холҳо ба балҳо, ки пас аз коркарди пурраи варақаҳои ҷавобҳои довталабон ва ҳисоби холҳо ба роҳ монда мешавад. Аз рӯйи натиҷаи шкалабандӣ дар доираи ҳар гурӯҳи ихтисосҳо барои ҳар субтест ҷадвали мувофиқати холҳо ба балҳо тартиб дода мешавад.

**Шакли таҳсил** – муомилаи ба низом даровардашудаи таълимдиҳанда (омӯзгор) ва таълимгиранда (донишҷӯй). Шакли таҳсил асосан рӯзона, шабона, ғоибона ва фосилавӣ мешавад:

- **рӯзона** – шакли маъмултарини гирифтани маълумоти касбӣ, ки донишҷӯй дар он ҳар рӯз (ба ғайри рӯзҳои истироҳат) дар давоми нимсола (семестр)-ҳо дар лексияву семинарҳо иштирок карда, сипас имтиҳонҳои дахлдорро месупорад.
- **шабона** – таҳсил дар нимаи дуюми рӯз. Ин шакли таҳсил ба таҳсили рӯзона хеле наздик буда, ба коллеҷҳои тиббӣ хос аст.
- **ғоибона** – шакли нисбатан мустақилонаи таҳсил, ки дар он донишҷӯй дар муҳлати муайян ба муассисаи таълимӣ ҳозир шуда, вазифаҳояшро мегирад, бо рӯйхати адабиёт шинос мешавад, ҳаҷми зиёди корҳо (маводи дарсӣ)-ро мустақилона анҷом медиҳад ва сипас санҷишу имтиҳонҳоро месупорад.
- **фосилавӣ** – яке аз шаклҳои таҳсили ғоибона, ки дар он донишҷӯй бо омӯзгор дар фосилаи аз якдигар дур ба воситаи хизматрасониҳои шабакаи Интернет: низомҳои махсуси таҳсили фосилавӣ, почтаи электронӣ, гуфтугӯйҳо (чатҳо), видео-конфронсҳо ва ғайра муомила мекунад.